Худованд мисоли роҳи рост (Сироти мустақим)-ро ин гуна баён медорад

Аз Нуввос ибни Самъони ансорӣ (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: " Худованд мисоли роҳи рост (Сироти мустақим)-ро ин гуна баён медорад, ки дар ду тарафи он девор аст ва дар он деворҳо дарҳои боз ва бар дарҳо пардаҳо овезон аст. Назди дари "Сирот" касе истодааст, ки мегӯяд: эй мардум! Ҳамагон вориди ин роҳ (-и рост) шавед ва каҷравӣ накунед. Нидокунандаи дигаре бар сари он роҳ аст, ки агар касе бихоҳад яке аз он дарҳоро боз кунад (яъне пардаи онро кушояд), мегӯяд: вой бар ту он дарро боз накун, ки дохили он мешавӣ. Сирот (роҳ) ҳамон Ислом аст ва деворҳо ҳамон ҳудуд, ки Худованд гузоштааст ва дарҳои боз ҳаромкардаҳои Аллоҳ. Нидокунандае ки бар сари роҳ аст, китоби Аллоҳ ва даъваткунандае ки болои роҳ аст панддиҳандае аз ҷониби Аллоҳ дар дили ҳар як мусалмон аст"

[Саҳеҳ] [رواه الترمذي وأحمد]

Паёмбари Худо (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) баён намуданд, ки: Худованд Исломро мисоли як роҳи рост ва дароз гуфтааст, ки ҳеҷ каҷӣ надорад, ва дар ду тарафи он девор аст, ки ҳамоно маънои ҳудудҳои илоҳиро дорад. Дар он деворҳо дарҳои кушода ҳастанд, ки онҳо ҳамон ҳаромкардаҳои Худованд ҳастанд, ва пардаҳои овезон бар он дарҳо ҳиҷоб ва сатре ҳастанд, ки ончи пушти парда ҳастро аз чашми гузарандагон мепӯшонад. Дар оғози роҳ касе истодаст, ки мардумро ба сӯи роҳи рост даъват мекунад ва мегӯяд: дар ин роҳ ба тарафи чап ва рост нигоҳ накунед ва танҳо ба роҳи рост биравед, ки он ҳамон китоби Аллоҳ аст. Нидокунандаи дигаре болои роҳ аст, ки ҳаргоҳ касе бихоҳад яке аз пардаҳоро боз кунад, ӯро ҳушдор медиҳад ва мегӯяд: вой бар ту онро боз накун ва илло дохили он мешавӣ ва дигар наметавонӣ аз дохил шудан ба онҷо худро боздорӣ, ва ин ҳамон панддиҳандае аз ҷониби Аллоҳ аст, ки дар дили ҳар як мусалмон вуҷуд дорад.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/65049